**Маърифати ҳуқуқӣ омили пешгирии коррупсия**

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ташаккули муносибати таҳаммулнопазир нисбат ба коррупсия дар Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи дохилиидоравӣ оид ба амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи дуюм барои соли 2026 тасдиқ шудааст.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандон дар самти муқовимат ба коррупсия мунтазам гузаронидани чорабиниҳои омӯзишию иттилоотӣ, таҳия ва чопи маводи илмию оммавӣ дар назар дошта шудааст, ки таъсири бевоситаи худро ба боло бурдани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ мерасонад. Бо ин мақсад дар нашрияи расмии "Ҷумҳурият" таҳти №90-91 (25458) мақола таҳти унвони "Коррупсия, андешае чанд дар роҳи муқовимат бо зуҳуроти номатлуб" нашр гардид.

Дар вохӯрию суҳбатҳо бо аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон, мазмуни ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ маънидод карда шуданд. Ҳамчунин дар бораи ҷой доштани масъулият барои ҳуқуқвайронкуниҳо ҷиҳати монеа шудан ба шаҳрванд дар татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ таъкид карда шуд.